**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 58/1е

аз «04» 02 соли 2022

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани мӯҳлати машварати оммавӣ доир ба огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи Дастурамал "Дар бораи талаботи ҳадди ақал барои омодасозии нақшаи барқарорсозии ташкилотҳои қарзии молиявӣ"

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардидаро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи мазкур аз 21 декабри соли 2021 то 28 январи соли 2022 гузаронида шуд.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" таҳия гардидааст.

Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни зикргардида, субъекти таҳиякунанда оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ дорад.

Директор Саидзода И.Ҳ.